«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода доктори илми филология, профессор
__________ Гулназарзода Ж. Б.
«31» октябри соли 2023

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович дар мавзуи "Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи даврони Истиқлол)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10. 01. 04 - Таърихи адабиёт; равобити адабӣ.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович дар мавзуи "Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи даврони Истиқлол)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси 10. 01. 04 - Таърихи адабиёт; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Яке аз қадимтарин анвои насри бадеии адабиёти тоҷик жанри ҳикоя ё ба истилоҳи классикӣ мебошад, ки он аз ибтидо ҳамчун намунаи насри ҳунарӣ дар инкишофи адабиёти тоҷик дар давраҳои гуногун нақши муҳим бозидааст. Ин навъи наср дар насри тоҷикии садаи XX аз нав эҳё гардида, тадриҷан ба жанри пуркорбурд ва фаъоли адабиёти муосир табдил ёфт. Дар адабиёти давраи ҷадид беҳтарин намунаи ҳикояи реалистиро устод С. Айнӣ таълиф намуда, бо насри бадеии пурғановати худ ба инкишофи минбаъдаи ҳикоя роҳи васеъ кушод. Суннатҳои ҳикоятпардозии устод С. Айниро шогирдонаш Ҳ. Карим, Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, Р. Ҷалил, П.Толис ва дигарон идома дода, анвои ҳикояи реалистии тоҷикро хеле рангин сохтанд. Дар нимаи дуюми садаи XX бо ибтикороти нависандагони навгаро П. Толис, Ф. Муҳаммадиев ҳикояи реалистии тоҷик ба марҳилаи нави инкишоф ворид гардид, ки он

аз бисёр ҷиҳат ба нуфузи ҷанбаҳои равонковӣ дар насри ҳамон солҳо алоқаманд аст. Навъи ҳикояи ба истилоҳ психологӣ баъдан тавассути эҷодиёти Сорбон, С.Турсун, Кӯҳзод, Ф. Муҳаммадиев, Ю. Акобиров, К. Мирзоев ва дигарон ташаккул ёфта, насри муосири тоҷикро ғановат бахшид. Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва адабию ҳунарии нависандагони номбурда дар давраҳои баъдӣ идома ёфта, дар рушди адабиёти тоҷик дар давраи Истиқлол нақши муҳим бозиданд. Бозёфтҳои шаклию мазмунии нависандагони муосир анвои ҳикояро ҳам аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва ҳам аз лиҳози ибтикороти адабию ҳунарӣ рангин сохтанд.

Бояд гуфт, ки дастовардҳои адабию ҳунарии анвои ҳикояи муосири тоҷикӣ, заминаҳо ва омилҳои инкишофи он, баҳрагирӣ аз суннатҳои адабии миллию ҷаҳонӣ, ғановати мазмунӣ ва ғоявии он, ба хусус дар замони истиқлол, диққатангез буда, дарку маърифат ва тавзеҳу таҳқиқи муфассалу пурдоманаро тақозо дорад. Илова бар ин, ҳикояи тоҷикӣ ҳамчун намунаи насри ҷадиди тоҷикӣ дар садаи бист ва замони истиқлол арзишҳои хоси илмию пажӯҳишӣ дошта, баррасии ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии он, бешак, ба пешрафти минбаъдаи насри ҳунарӣ дар адабиёти муосири тоҷик мусоидат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Баррасии мубрамии мавзуи таҳқиқ, тавзеҳи зарурати омӯзиши мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, муайян кардани вазифаҳои асосии таҳқиқи мавзуъ, навгониҳои таҳқиқ, моҳияти назарию амалии таҳқиқ, сохтори умумии диссертатсия, нуктаҳои умумии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, баррасии мавзуъ, хулосаю натиҷагириҳои омӯзиши мавзуъ дар маҷмуъ бозгӯкунандаи саҳми шахсии довталаб мебошанд. Илова бар ин, саҳми диссертант дар омӯзишу баррасии назарияҳо ва консепсияҳои илмии донишмандони ватанию хориҷӣ, ки ба мавзуи мавриди назар алоқаманданд, дар таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни мавзуъ, таълиф ва ба нашр расонидани мақолаҳо ва суханрониҳои илмӣ зоҳир мешавад.

Муаллиф ҳангоми таҳқиқи мавзуъ аз методҳои маълуми пажӯҳишҳои илми адабиётшиносӣ, аз дастовардҳои назарии равияҳо ва мактабҳои маъруфи илмӣ кор мегирад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо истифода аз методҳо ва усулҳои маъруфи таҳқиқотии илмӣ, аз қабили методҳои таърихӣ-қиёсӣ, таърихиву адабӣ, татбиқи оморӣ, таҳқиқи комплексӣ ва бо истифода аз дастурҳои назарии муҳаққиқони маъруфи адабиёт анҷом дода шудааст. Тибқи андешаи муаллиф, ҳикояи тоҷикии давраи истиқлол бори аввал аз дидгоҳи бозтоби масоили иҷтимоию ахлоқӣ ба таҳқиқ гирифта мешавад.

Аз ин ҷиҳат, метавон таъкид кард, ки диссертатсияи аз ҷониби Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович таълиф гардида, бо дарназардошти мураттабу муназзам баррасӣ шудани мавзуъ, тарҳ ва ҳаллу фаслу бобҳои мантиқӣ ва ба ҳам алоқадошта қабили пазириш мебошад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович аз муқаддима, се боб, шаш фасл ва хулосаю китобнома ва тавсияҳои илмӣ иборат аст. **Навгонии илмии таҳқиқоти** мазкур дар он зоҳир мешавад, ки то ба таълиф расидани таҳқиқоти мазкур дар адабиётшиносии тоҷик заминаҳо ва омилҳои адабӣ ва ҳунарии ташаккули жанри ҳикоя, бозтоби масоили ахлоқию иҷтимоӣ ва инъикоси бадеии онҳо дар ҳикояи замони истиқлол мавриди таҳқиқ, омӯзиш ва баррасии фарогири илмӣ қарор нагирифта буд. Тозагии дигари таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мешавад, ки дар он дар баробари тавзеҳи мазмуну муҳтаво, хусусиятҳои жанрӣ, сохторӣ ва сабкию ҳунарии анвои ҳикояи муосир ба таври муфассал ва монографӣ баррасӣ мешавад. **Аҳамияти назарӣ ва амалии** таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки натиҷагириҳо ва хулосаю тавсияҳои диссертант ва маводи пажӯҳиши он метавонад барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои марбути равандҳои муосири инкишофи наср, эҷодиёти

навистандагони ҷудогона, накду баррасии асарҳои алоҳидаи адибони тоҷик муфид бошад. Маводи диссертатсия ва андешаронихоҳои илмию пажӯҳишии муҳаққикро метавон ҳангоми омӯзиши масъалаҳои насри даврони истиқлол, жанрҳои ҷудогонаи он, тамоилҳои сабкии инкишофи наср, таҳқиқи ҷанбаҳои мазмунӣ ва шаклии анвои ҳикояи муосир ва ғайра истифода кард. Дар бахши муқаддимавии диссертатсия тибқи муқаррарот муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳои муҳаққиқ, асосҳои назарию амалии диссертатсия, навгониҳои таҳқиқ баён гардида, саҳми шахсии муаллиф, сарчашмаҳо ва манобеи таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва адабиёти истифодашуда тавзеҳ шудааст.

Масъалаи муҳимми ҷолиби таваҷҷуҳ низом ва сохтори диссертатсия мебошад. Воқеан, он дорои низоми муайян ва устувори илмӣ буда, тартиби таҳқиқи мавзуъ барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва, дар маҷмуъ, зуҳур кардани тарҳи комили пажӯҳиш мусоидат менамояд. Бобу фаслҳои диссертатсия паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, бо ҳам робитаи мантиқӣ пайдо кардаанд.

Боби аввали диссертатсия **“Заминаҳо ва омилҳои адабию ҳунарии инкишофи жанри ҳикоя дар насри муосири тоҷик”** унвон дошта, аз ду фасл иборат мебошад. Фасли аввали боби мазкур “Марҳилаҳои асосии шаклгирии жанри ҳикояи муосири тоҷикӣ” ном гирифта, дар он омилҳо, заминаҳо ва давраҳои шаклгирию инкишофи ин навъи фаъоли наср дар адабиёти муосири тоҷик баррасӣ мешаванд. Диссертант тавассути таҳлилҳои қиёсӣ собит месозад, ки давраи аввали шаклгирии ҳикояи реалистӣ дар насри муосир ба нимаи аввали садаи XX рост меояд. Дар ин давра, ки ҷомеа ба ҳаводиси зудҷараёни сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавӣ дучор омад, дар адабиёт тасвиру инъикоси он бештар аз тариқи ривоҷи насри бадеӣ сурат гирифт. Диссертант дуруст таъкид мекунад, ки

маҳз талаботи замон барои ривоҷи ҳикоя дар адабиёти он солҳо роҳи васеъ кушод. Адибони дар он солҳо ҷавони тоҷик Ҳ.Карим, Ҷ.Икромӣ, Р.Ҷалил ва дигарон ҳамчун шогирдони мактаби адабии устод С. Айнӣ эҷодиёти худро аз таълифи ҳикояи реалистӣ оғоз намуда, маҳз аз ҳамин роҳ ба насри калон, таълифи повесту роман қадам гузоштанд. Бояд гуфт ки устод С.Айнӣ бо таълифи ҳикояи "Моҳрӯй" ба адибони ҷавон дар таълифи ҳикояи реалистӣ роҳ кушод, ки ин масирро Ҳ. Карим, Ҷ. Икромӣ, Р.Ҷалил Б. Азизӣ, А. Деҳотӣ, Ҳ. Карим, А. Самад ва дигарон идома доданд. Диссертант намунаи ҳикоёти нависандагони маъруфи солҳои бистуму сиюми асри бистро таҳлил намуда, таъкид месозад, ки аксари ҳикояҳои он солҳо очеркмонанд буданд. Ин ҷо манзури муҳаққиқ ҷанбаи бештари вуҷуъгароӣ доштани ин асарҳо мебошад ва ин андеша заминаи воқеӣ дорад. Ин масъала дар фасли дуюми боби аввали диссертатсия, ки "Ҳикояи реалистӣ ва қонуниятҳои жанрии он дар насри муосир" унвон дорад, ба таври муфассалтар баррасӣ мешавад. Дар оғози фасли мазкур таъкид мешавад, ки ҳикоянависони давраи аввали насри муосир умуман дар таълифи насри бадеӣ зери таъсири насри реалистӣ ё реализми сотсиалистӣ, ки дар адабиёти рус нуфуз дошт, қарор доштанд. Аз ин дидгоҳ, метавон таъкид кард, ки қонуниятҳои таълифи ин жанрро аз ибтидо меъёрҳои тасвири реалистӣ муайян мекунад. Диссертант бо таҳлили қиёсии ҳикоёти дар давраҳои гуногун таълифнамудаи нависандагони тоҷик ба ин натиҷа мерасад, ки реализм барои нависандагони мо дар ҳамон марҳилаҳои инкишофи ҳикоя пайванди устувори андешаи эҷодии нависандагонро бо воқеияти зиндагӣ устувору қавӣ гардонидааст. Ин фазилати жанрии ҳикояи реалистиро нависандагон дар давраҳои баъдӣ ҳам донистаю огоҳона дар таҷрибаи эҷодии худ истифода мекарданд.

Боби дуюми диссертатсияи М. Маҳмудов **"Мақом ва ҷойгоҳи ҳикоя дар насри тоҷикии давраи истиқлол"** ном дошта, дар ду фасли асосии он масъалаи идомаи суннатҳои адабии насри тоҷикии садаи XX

дар давраи истиқлол дар мисоли ташаккулу таҳаввули анвои ҳикоя мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Диссертант анвои ҳикояи тоҷикии замони истиқлолро аз лиҳози бозтоби масоили иҷтимоию ахлоқӣ ва аз ҷиҳати бозёфтҳои адабию эҷодии нависандагон ба чанд гуруҳ тақсим менамояд. Вай равандҳои асосии ҷустуҷӯҳои адабию ҳунарии нависандагони баъдиро бо ибтикори эҷодии П.Толис ва Ф. Муҳаммадиев алоқаманд менамояд, ки он комилан мантиқист. Воқеан, ҷараёни навгароӣ дар насри нимаи дуюми садаи ХХ аз эҷодиёти ин ду нависандаи тавоно шуруъ мешавад, ки он, беш аз ҳама, дар ҳикояи он солҳо ба назар мерасид. Бояд гуфт, ки аксари нависандагони маъруфи тоҷик, ки солҳои шасту ҳафтод ба эҷоди наср шуруъ карданд, дастпарварони мактаби адабии Ф. Муҳаммадиев буданд. Аз ҷумла, Сорбон, С.Турсун, Кӯҳзод, А. Самад, К. Мирзоев, М. Хоҷаев ва дигарон дар давраҳои баъдӣ суннатҳои адабии П. Толис ва Ф. Муҳаммадиевро бобарор идома дода, тамоми тасвири психологӣ ва равонковиро дар ҳикояи муосир рушд доданд. Имрӯз ин суннатҳои адабиро нависандагони насли ҷавони тоҷик дар эҷоди ҳикоя пайваста таҷриба мекунанд, ки ин дар адабиёти мо пайванди наслҳоро қавӣ мегардонад.

Боби сеюми диссертатсия, ки **“Хусусиятҳои бадеию сохтории ҳикояи муосир”** унвон гирифтааст, аз ду фасл иборат мебошад. Диссертант зимни баррасии муфассали ҳикояҳои Сорбон, С. Турсун, Кӯҳзод, А. Самад, Баҳманёр, С. Раҳим, Ю. Юсуфӣ, К. Мирзо ва дигарон таъкид менамояд, ки дар замони истиқлол паҳнои бадеии ҳикоя хеле рангин гардида, мазмуну муҳтавои он ба зиндагии иҷтимоӣ ва инфиродии ҳамзамонони мо қарин гардид. Дар диссертатсия дуруст таъкид мешавад, ки ҳадафи асосии бисёре аз ҳикояҳои давраи истиқлол на танҳо нишон додани ҳодисаю воқеаҳои рӯзгори мо, балки ба хонанда муаррифӣ намудани хулқу атвор ва хислатҳои барҷаста ва муҳимми инсони муосир мебошад. Гузашта аз ин, дар ҳикояҳои нависандагони зикршуда зовияи дид ва сохтору таркиби нақши бадеӣ хеле рангин ва

гуногунпаҳлӯ гардида истодааст, ки онро метавон ба ҳайси нишонаи камолоти жанри ҳикоя ба шумор овард. Ҷои таъкид аст, ки М. Маҳмудов масири инкишофи жанри ҳикояи муосирро ҳам аз дидгоҳи мазмуну муҳтаво ва ҳам аз лиҳози ҷустуҷӯҳои адабӣ, ки бо мазмуну ҳикояи даврai истиқлол робитаи бевосита дорад, муфассал баррасӣ намуда, бардоштҳо ва натиҷагириҳои илмию пажӯҳишии худро дар охири фаслҳои бобҳои диссертатсия ба таври мушаххас баён менамояд. Илова бар ин, дар хулосаи диссертатсия натоиҷи таҳқиқоти диссертант ба таври куллӣ дар даҳ банд оварда шудааст, ки онҳо қобили эътимоданд. Муҳим он аст, ки диссертант дар таҳқиқи масъалаи тасвири масоили иҷтимоию ахлоқӣ дар ҳикояи тоҷикии даврai истиқлол назари фардии худро дорад. Ҳамчунин, навназарии муҳаққикро дар таҳлили ҳикояҳои нависандагони мактаби вуқуъгароии садаи ХХ ба хубӣ эҳсос менамоем. Муҳаққиқ аз оғоз то анҷоми диссертатсия дар таҳқиқи жанри ҳикояи муосир вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро пайгирӣ намуда, мавзуъро бо низом таҳқиқ менамояд. Аз ин ҷиҳат, метавон диссертатсияи М. Маҳмудовро дар таҳқиқи насри тоҷикии замони истиқлол иқдоми шоиста шуморид. Истифодаи маводи фаровони илмӣ ва адабӣ, бо сабки хоси илмӣ баррасӣ намудани онҳо, натиҷагирию хулосабарориҳои муҳаққикро ба назар гирифта, диссертатсияи мазкурро метавон дар адабиётшиносии тоҷик ва хоса дар таҳқиқи насри муосир саҳифаи тоза ҳисобид. Муҳаққиқ натоиҷи пажӯҳиши худро дар 7 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашр расидаанд, ба доираи васеи муҳаққиқону алоқамандон пешниҳод намудааст. Аз тарафи дигар, ба нашр расидани мақолаҳои диссертант ҷанбаҳои назарӣ ва амалии таҳқиқоти ӯро таъйид менамоянд.

Бояд гуфт, ки дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои дар боло зикргардида баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия, дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ диссертант рисолаю мақолаҳои дар заминаи мавзуъ ба нашр расидаро агар ба гуруҳҳо тақсим намуда, баррасӣ мекард, беҳтар мебуд.

2. Дар боби якуми диссертатсия марҳилаҳои аввали шаклгирии жанри ҳикояи реалистӣ муфассал баррасӣ мешаванд, аммо камбудиҳои асосии насри он солҳо ва, хосса жанри ҳикоя, ба таври мушаххас баён намешаванд.

3. Дар фасли дуюми боби аввали диссертатсия агар муаллиф ҳикояҳои нависандагони насли калонсоли тоҷикро аз лиҳози мавзую ғоя баррасӣ менамуд, манзараи умумии инкишофи жанри мазкур бештар равшан мегардид.

4. Дар боби сеюми диссертатсия фасли алоҳидае ба поэтикаи ҳикояи даврон истиқлол ихтисос дода мешуд, ҷустуҷӯҳои адабию ҳунарии нависандагон равшантар ба назар мерасид.

5. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе хатоҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд, ки онҳоро бояд ислоҳ намуд.

Камбудиҳои мазкур ҷузъӣ буда, онҳо ҳаргиз арзиши илмии рисоларо коста намесозанд. Мазмун ва муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф, ки 7 ададанд, пурра инъикос менамоянд.

**Мутобиқати тахассуси илми довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи М. Маҳмудов бо ихтисоси интихобшуда комилан мувофиқат мекунад. Мавзуъ ва мазмуну муҳтавои диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, ки дар шиносномаҳои ихтисоси 10.01.04 - Таърихи адабиёт; равобити адабӣ зикр гардидаанд, мувофиқат менамояд. Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чопрасидаи М. Маҳмудов муҳтавои асосии диссертатсияро ифода месозанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Маҳмудов Муҳамммадҷон Абдулаҳадович дар мавзуи **“Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи даврони Истиқлол)”** ба талаботи бандҳои 31-35-и тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.04 - Таърихи адабиёт; равобити адабӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 28-уми октябри соли 2023, суратҷаласаи № 3 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
**номзади илми филология, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шамсов Н. С.**

**Эксперт:**
**доктори илми филология, профессори**
**кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Давлатбеков Л. М.**

**Котиби илмии ҷаласа:**
**номзади илми филология, дотсенти**
**кафедраи назария ва таърихи адабиёти**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии**
**Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Боев Ш. Э.**

**Имзоҳои н.и.ф. Н. С. Шамсов, д.и.ф. Л. М. Давлатбеков**
**ва н.и.ф. Ш. Э. Боевро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.**

734019, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев17/6.
Тел: (+992 37) 232-50-00;
E-mail: shamsov1960@mail.ru

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

28-уми октябри соли 2023.